# Стратегияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025

## Таҳкими истиқлолият ва рушди иқтисодӣ




Феврал 2020

## Пешгуфтор

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз аввалин кишварҳост, ки истиқлолияти ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро эътироф намуд ва дар давоми се даҳсолаи охир ҷиҳати дастгирии таъмини амният, рушд ва шукуфоии ҳар як кишвари зикршуда муттасил кӯшишҳои мунтазам ба харҷ дода истодааст. Осиёи Марказӣ ҳамеша маркази стратегӣ ва тиҷоратии бархӯрди тамаддунҳои Аврупо ва Осиё буд. Манфиати стратегии аввалиндараҷаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар минтақаи мазкур барпо намудани Осиёи Марказии боз ҳам осоиштатар ва мутараққӣ, қодир ба ҳифзи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии худ дар назди шарикони гуногун дар асоси шартҳои худ, дорои дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва омодаи ҷалби сармоягузориҳои байналмилалӣ, дорои ниҳодҳои қавии демократӣ, волоияти қонун мебошад, ки дар он ҳуқуқи инсон дар сатҳи баланд риоя мешавад. Осиёи Марказии осоишта ва амн дар татбиқи кӯшишҳои ИМА дар ҷодаи муқовимат ба терроризм, дастгирии суботи минтақавӣ, мусоидат ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини сатҳи баланди рушду нумӯи иқтисодии минтақа ва берун аз он саҳмгузор мебошад.

Бо ин мақсад, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои таъмини сулҳу амнияти минтақаи мазкур, дастгирии ислоҳоти демократӣ ва рушди иқтисодӣ, инчунин, қонеъсозии ниёзи гуманитарӣ ҳамчун кӯмаки мустақим зиёда аз 9 миллиард доллари ИМА пешниҳод намуд. Инчунин, муҳим он аст, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Бонки умумиҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Бонки рушди Осиёро барои пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва кӯмаки техникӣ ба маблағи зиёда аз 50 миллиард доллари ИМА бо мақсади дастгирии рушди минтақа ҳидоят намуд. Ширкатҳои хусусии ИМА бошанд, дар ин муддат ба ширкатҳои тиҷоратии минтақа зиёда аз 31 миллиард доллари ИМА сармоягузорӣ намуда, дар натиҷа ҳазорҳо ҷойи кор дар маҳал эҷод карданд ва барои рушди нерӯи инсонӣ мусоидат намуданд. Ниҳоят, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико робитаи байни мардуми Америка ва ҳар як кишвари Осиёи Марказиро тавассути корҳои гуногун, аз ҷумла бо маблағгузории мустақими таҳсили зиёда аз 40.000 донишҷӯ ва иштирокчиёни барномаҳои маърифатии табодул, ба роҳ монд. Шумораи бузурги мардуми Осиёи Марказӣ ба шаҳрҳои гуногуни Америка муҳоҷират карда, дар айни ҳол узви диаспораҳои фаъол ва бемайлон рушдёфтаистода мебошанд, ки бо ватани аслии худ робитаҳои наздикро нигоҳ медоранд.

Аз замони қабули Стратегияи қаблии ҳамкории байни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Осиёи Марказӣ дар соли 2015 то имрӯз роҳбарони нав дар минтақа барои рушд дар асоси ислоҳот, ҳамгироӣ ва ҳамкории дохилиминтақавӣ ва ҷалби нисбатан фаъоли ИМА имкониятҳои нав фароҳам оварданд. Бахусус, ҳукуматҳои нав дар минтақа ҷонибдории пурраи худро нисбати татбиқи ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ, аз ҷумла тавассути ҳамкории дуҷониба бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, изҳор намуданд. Илова ба ин, беҳтар гардидани муносибатҳои байниминтақавӣ ва дарки бештари арзиши фаъолияти якҷоя ҳамчун як гурӯҳи минтақавӣ имконияти иштироки ИМА-ро тавассути сиғаи C5+1 васеъ намуд. Кӯшиши кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати зиёд намудани сармоягузории хориҷӣ ва ҷалби соҳибкорони амрикоӣ омодагии роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказиро ба татбиқи ислоҳот дар масъалаи волоияти қонун ва мутобиқат ба меъёрҳои байналмилалӣ зиёд намуда истодааст.

**ИМА дар миқёси Осиёи Марказӣ оид ба ҳифз ва нигоҳдории ёдгориҳои фарҳангӣ, анъана ва мавзеъҳои археологии беҳамтои минтақа барои наслҳои оянда зиёда аз**

**70 лоиҳаро**

**маблағгузорӣ кардааст.**



Дар Стратегияи нави ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ дарҷ гардидааст, ки баъзе масъалаҳо ҳамчун падидаҳои доимии барои рушди минтақа муҳим, ки дар стратегияи қаблӣ зикр гардида буд, боқӣ мемонанд: терроризми дохилӣ ва байналмилалӣ масъалаи асосии нигаронкунанда дар ҷодаи амният боқӣ мемонад ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамоно бо таҳдидҳо ба оромӣ, ба монанди таҳдиди экстремизми тундгароёна, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва паҳнсозии маълумоти бардурӯғ, ба таври давомнок дучор хоҳанд шуд.

Ниҳоят, баъзе принсипҳои асосӣ заминаи стратегияи навро ташкил медиҳанд. Осиёи Марказӣ минтақаи геостратегиест, ки новобаста аз сатҳи ҳузури ИМА дар Афғонистон барои амнияти миллии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муҳим мебошад.  Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бояд ба ҳамкорӣ дар соҳаҳое, ки бартарияти қиёсӣ дорад, хусусан дар масоили мусоидат ба иштироки бахши хусусӣ ва қабули сиёсату қоидаҳои шаффофи идоракунии стратегӣ бо мақсади риояи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла механизмҳои ҳифзи муҳити зист, эътибори хоса диҳад.  Ҳангоми фарқият дар пешрави ислоҳот Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бояд дар ҳамоҳангӣ бо шарикони ҳамфикр барои бартараф намудани монеаҳо кӯмаки мушаххас пешниҳод намояд ва ҳамзамон оид ба бартариятҳои мутобиқсозии фаъолият бо меъёру қонунҳои байналмилалӣ маълумоти мушаххас пешниҳод намояд.

## Ҳадафҳои сиёсӣ

Дар баробари пешравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати таъмин намудани тобоварӣ ба таҳдидҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат ба суботи онҳо; таҳкими озодии онҳо аз бадхоҳон ва рушди шарикии сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳамкорӣ хоҳад намуд. Амалҳои ИМА дар ҷодаи рушд бояд истиқлолияти минтақавиро тақвият дода, набояд вобастагиро эъҷод намояд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шаш ҳадафи фарогир ва якдигарро таҳкимбахшанда дорад, ки чунин аст:

1. Дастгирӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ ба таври алоҳида дар сатҳи кишварҳо ва дар сатҳи минтақавӣ. Бо иштироки муттасили ИМА дар масоили рушди иқтисодӣ, энергетика, амният, демократикунонӣ ва идоракунии стратегӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як минтақаи шарикони ҳамкор фаъолият намуда, баҳри нигоҳ доштани истиқлолияти худ ва қабули қарорҳои мушаххас ҷиҳати ноил гардидан ба истиқлолияти иқтисодӣ ва нигоҳ доштани он тавоноии худро тақвият хоҳанд бахшид.

   - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико фаъолияти дипломатии худро дар минтақа васеъ намуда, бо мақсади дастгирии кӯшишҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ дар ҷодаи таҳкими ниҳодҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи рушду нумӯи иқтисод тавассути барномаҳои худ кӯмак хоҳад расонид. Илова ба ин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кӯшишҳоро дар ҷодаи аз байн бурдани ҳамдигарнофаҳмиҳое, ки минтақаро ба қисмҳо ҷудо намудааст, дастгирӣ хоҳад намуд. Кӯмаки ИМА баҳри таъмини шабакаи ягонаи барқ дар Осиёи Марказӣ барои мусоидат ба фурӯши барқи зиёдатӣ ҷиҳати кам кардани хароҷоти истеъмолкунандагон, таъмини даромади иншоотҳои таъминкунандаи барқ, беҳтар намудани истиқлолияти энергетикии минтақа ва коҳиш додани вобастагӣ аз ҷонибҳои беруна мусоидат хоҳад намуд. Донишгоҳи амрикоӣ дар Осиёи  Марказӣ воқеъ дар шаҳри Бишкек маркази рушдёфтаистодае мебошад, ки дар он ҷо ҷавонони лаёқатманди минтақа метавонанд унвони тахассусии амрикоӣ ба даст оранд, малакаҳои касбии дар бозори меҳнат матлубро аз худ намоянд ва бо ҳамтоёни худ аз минтақа робитаҳои қавии якумра ба роҳ монанд.

**Якҷоя меомӯзонем, якҷоя мубориза мебарем**

**Ташаббусҳои муштараки ҳарбӣ ба монанди Машқи "Уқоби даштӣ" ва Барномаи шарикии давлатӣ боварии ҷонибҳоро таҳким бахшида, фаъолияти муштаракро ҷоннок менамояд ва амнияти минтақавиро дар миқёси Осиёи Марказӣ тақвият медиҳад. Барномаҳои ИМА тавассути баргузории машқҳои доимӣ ва омӯзишҳои муштарак барои ба роҳ мондан ва пешбурди муносибатҳои дарозмуддат байни сохторҳо ва робитаҳои байни ҳайатҳои шахсӣ имкон медиҳад.**





**Ҳар сол мардуми Осиёи Марказӣ ба Марказҳои фарҳангии Амрико бо мақсади омӯзиши забони англисӣ, шиносоӣ бо фарҳанги амрикоӣ ва аз худ намудани малакаҳои дар бозори меҳнат матлуб 1.4 миллион маротиба ташриф меоранд. Аз замони ба даст овардани истиқлолият то ин ҷониб зиёда аз 40,000 донишҷӯён, мутахассисон ва намояндагони расмии сохторҳои давлатӣ аз Осиёи Марказӣ бо маблағгузории ИМА ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи барномаҳои такмили ихтисос сафар кардаанд.**

**2. Паст кардани сатҳи таҳдиди терроризм дар Осиёи Марказӣ.** Ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ ба идеологияи экстремистӣ муқобилат мекунанд ва ба паноҳгоҳи ташкилотҳои террористӣ табдил намеёбанд.

- Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тавассути барномаҳои шарикии дуҷонибаи ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мақсадҳои зерин ҳамкорӣ  мекунад: омӯхтан, муайян намудан, пешгирӣ кардан ва мубориза бар зидди экстремизми хушунатомез; баргардонидан, баркарор намудан ва аз нав ба ҷомеа ҳамгиро намудани ҷангиёни террористи хориҷӣ ва аъзои оилаи онҳо; тақвияти нерӯи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳадамоти амният ҷиҳати ҳифзи сарҳад ва пешгирии ҳаракати террористон ва харидуфурӯши одамон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва тавасути он. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои таҳкими амнияти сарҳад дар Осиёи Марказӣ ба маблағи зиёда аз 90 миллион дол. ИМА кӯмак карда, зиёда аз 200 машғулияти омӯзишӣ гузаронидааст, ки дар он 2600 нафар афсарони сарҳадбон фаро гирифта шудаанд.

**3. Вусъат ва тамдиди дастгирӣ барои таъмини субот дар Афғонистон.** Кишварҳои Осиёи Марказӣ шарики босубот, боваринок ва фаъоли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гардида, кӯшишҳои байналмилалиро оид ба мӯътадилсозии вазъият дар Афғонистон пайваста дастгирӣ хоҳанд намуд.

- Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дарк мекунад, ки Афғонистони амн ва ором барои ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ афзалияти аввалиндараҷа буда, ҳар яки онҳо ҷиҳати дастгирии ҷараёни сулҳ ва хотимаи низоъ дар ин кишвар нақши муҳим мебозанд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз давлатҳои Осиёи Марказӣ барои рушди робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо Афғонистон ва нишон додани намунаи идоракунии босуботи кишварҳое, ки намояндагони халқиятҳои гуногун истиқомат мекунанд ва аксарияти аҳолии онҳоро мусулмонон ташкил медиҳанд, даъват ба амал меорад.

**4. Мусоидат ба ҳамгироии байни Осиёи Марказӣ ва Афғонистон.** Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Афғонистон дар масоили энергетика, иқтисод, фарҳанг,  савдо ва амният, ки ба суботи минтақавӣ саҳми бевосита мегузорад, муносибатҳои наздик ба роҳ мемонанд.

- Бо эътирофи он ки шарикони иқтисодии мутараққӣ, осоишта ва амн аҳёнан вориди низои мусаллаҳона мешаванд, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тарафдори муносибатҳои қавӣ байни Осиёи Марказӣ ва Афғонистон дар масоили тиҷорат ва рушди инфрасохтор мебошад. Мақсад аз татбиқи Лоиҳаи “КАСА-1000 (CASA-1000)” тақвияти иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ тавассути мусоидат ба содироти барқ аз Осиёи Марказӣ ба Афғонистон ва Покистон мебошад. Ҳамзамон, мо дар масъалаи осонкунии тартиби раводид ва гумрук дар Осиёи Марказӣ бо мақсади дастгирии гузаргоҳи транзитии «Лоҷвард», ки барои ба таври назаррас баланд бардоштани ҳаҷми савдо байни Осиёи Марказиву Афғонистон ва Аврупову Авруосиё имконияти бузург пешниҳод мекунад,  кор бурда истодаем.





## Амнияти сарҳад

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба амнияти сарҳад бо мақсади беҳтар намудани дарёфт, пешгирӣ ва таъқиби ҳолатҳои қочоқи моводи мухаддир, аз ҷумла тавассути баргузории омӯзишҳо дар байни кормандони гумрук ва сарҳадбонон,  нав кардани таҷҳизоти амнияти сарҳад ва таъсиси 13 отряди сарҳадии фаъол дар минтақа, ба маблағи зиёда аз 90 миллион доллари ИМА кӯмак расонид.**

**5. Мусоидат ба ислоҳоти волоияти қонун ва риояи ҳуқуқи инсон.** Кишварҳои Осиёи Марказӣ тавассути таъмини саҳми арзандаи шаҳрвандон, ба роҳ мондани низоми сиёсии фарогир (инклюзивӣ) тавассути интихобот, чараёни шаффофи таҳия ва қабули сиёсат, таъмини волоияти қонун ва риояи ҳуқуқи инсон осоиштагии худро тақвият хоҳанд бахшид.

- Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таҳия ва татбиқи ислоҳоти соҳаи адолати судӣ, ки барои ҳифзи ҳуқуқи инсон, инчунин, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва нигоҳ доштани кадрҳои дорои малакаи баланд муҳим аст, тавассути машварати техникӣ кӯмак мекунад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо мақсади он, ки шаҳрвандон тавонанд дар ҳаллу фасли масоили калидии сиёсати давлатӣ ва баланд бардоштани ҳисси масъулияти ҳукуматҳо нисбати шаҳрвандони худ саҳм гузоранд, тақвияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дастгирӣ мекунад. Барномаҳои Сафорати ИМА ба садҳо нафар рӯзноманигорон барои азхуд намудани малакаҳои зарурӣ ва ба роҳ мондани робита бо ҳамкорони дигар ҷиҳати кӯмак дар таъмини масъулият ва ҳисоботдиҳандагии ҳукуматҳо дар назди шаҳрвандон ва пахши хабарҳо оид ба кӯшишҳои ҳукуматҳо дар ҷодаи беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми оддӣ имконият фароҳам меорад.

**6. Мусоидат ба сармоягузориҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Осиёи Марказӣ ва рушди минтақаи мазкур.** Муҳити мусоид барои соҳибкорӣ дар Осиёи Марказӣ шаффоф,  кушода, одилона ва барои соҳибкорони амрикоӣ ҷолиби диққат гардида, барои ба даст овардани мақсадҳои бузурги рушд  мусоидат хоҳад намуд.

- Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ дар ҷодаи татбиқи ислоҳоти зарурӣ бо мақсади ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ, аз ҷумла сармоягузориҳои соҳибкорони амрикоӣ,  ҳамкорӣ карда истодааст. Тавассути ислоҳоти соҳаи маориф дар сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи умумӣ ва олӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷиҳати муҷаҳҳаз гардонидани наслҳои оянда бо малакаҳои касбие, ки онҳо дар бозор талабот вуҷуд дорад, қобилияти роҳбарӣ, дониши забони англисӣ ва фикрронии танқидии зарурӣ барои дастгирии иқтисодиёти асри XXI, ки дар он сармоягузориҳои байналмилалӣ ҷалб карда шуда, дар сатҳи маҳаллӣ соҳибкорон омода карда мешаванд, корҳои заруриро ба анҷом расонида истодааст.

Сармоягузорӣ зери роҳбарияти ИМА ба Осиёи Марказӣ дар ҳаҷми зиёда аз 91 млрд. долл. ИМА






## Дипломатияи бисёрҷонибаи глобалӣ

**Ҷиҳати дастгирии истиқлолият ва якпорчагии ҳудудии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва бо мақсади таъмини самараи баланди кӯшишҳои якҷоя ва кафолати шукуфоӣ ва истодагарии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар натиҷаи иштироки ИМА, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо шарикони ҳамфикр, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо ва дигарон дар доираи сиғаи C5+1 машваратҳо доир намуда, фаъолияти худро бо онҳо ҳамоҳанг мекунад.**

* Дар сатҳи глобалӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико саҳҳоми бузургтарини бонкҳои пешсафи бисёрҷонибаи рушд (ББР), аз ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд мебошад. Дар байни онҳо ББР-ҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ аз замони ба даст овардани истиқлолият ба маблағи зиёда аз 50 миллиард доллари ИМА грант, қарз ва маблағҳои кафолати давлатӣ пешниҳод кардаанд.

**Сиғаи дипломатии C5+1**

**Дар чорабиниҳои сиғаи C5+1 намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИМА бо мақсади ҳаллу фасли масоили нигаронкунандаи умумӣ ва инчунин пешбурди муколамаву ҳамкории минтақавӣ сарҷамъ мешаванд.**



## Назар

Татбиқи самараноки Стратегияи мазкур барои таъмини субот ва амнияти Осиёи Марказӣ ва рушди ҳамкориҳои минтақа бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мусоидат хоҳад намуд. Ҷиҳати боз намудани дарҳои минтақа ба сармоягузориҳои байналмилалӣ ва таҳкими ниҳодҳои демократӣ ҳар як кишвар бояд ислоҳоти заруриро амалӣ намояд. Мо барои пайвастагии бештари кишварҳои минтақа бо минтақаи Аврупо тавассути Қафқоз, бо Афғонистон ва Осиёи Ҷанубӣ ва, инчунин, бозорҳои ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ хоҳем андешид. Мо ба кишварҳои минтақа дар таҳкими истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсии онҳо, таъмини истодагарии қавӣ ва баланд бардоштани азму тавоноии онҳо барои ҳамкорӣ бо якдигар дар соҳаҳои дорои манфиати мутақобила кӯмак хоҳем расонид. Иштироки бомуваффақияти ИМА дар Осиёи Марказӣ, инчунин, манфиатҳои худи моро дар соҳаи амнияти миллӣ пеш бурда, ба мудофиаи ватан, ҳифзи шаҳрвандон ва манфиатҳои мо дар хориҷа мусоидат хоҳад намуд. Робита ва ҳамкориҳои наздик бо ҳамаи панҷ кишвар арзишҳои амрикоиро тарғиб намуда, ба таъсири ҳамсояҳои минтақавӣ мувозинае таъмин хоҳад намуд. Ниҳоят, вусъати имкониятҳо барои соҳибкорони ИМА ба рушду нумӯи иқтисодӣ дар минтақа оварда расонида , инчунин, соҳаи шуғл ва саноатро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дастгирӣ хоҳад намуд.

### Сиғаи дипломатии C5+1

Иштироки ИМА дар сиғаи C5+1 ба ҳамгироии минтақавӣ, истиқлолият ва якпорчагии ҳудудии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад намуд. Дар доираи сиғаи C5+1 дар миқёси Осиёи Марказӣ лоиҳаҳо ба маблағи зиёда аз 34 миллион доллари ИМА бо маблағгузории Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соҳаҳои амният, ҳамгироии иқтисодӣ ва муҳити зист амалӣ шуда истодаанд. Тавасути сиғаи C5+1, кишварҳои узви он ҷонибдории худро оид ба масоили зерин тасдиқ намуданд:

- Фаъолияти якҷоя ҷиҳати ҳалли мушкилоти умумии амниятӣ;
- Таҳкими фаъолияти минтақавӣ дар ҷодаи мубориза бар зидди терроризм ва ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти сарҳад;
- Муқовимат ба экстремизми хушунатомез дар минтақа;
- Дастгирии Қатъномаи Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид аз соли 2018 "Дар бораи тақвияти ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ бо мақсади таъмини сулҳу оромӣ ва рушди босуботи Осиёи Марказӣ";
- Дарёфти роҳҳои таҳкими ҳамкорӣ дар ҷодаи мусоидат ба оромӣ, сулҳ ва рушди иқтисодии Афғонистон;
- Муайянсозии соҳаҳои дигари ҳамкорӣ, ба монанди табодули иттилоот.





